Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит**

Такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ пеш аз ҳама ҷорӣ намудани усулҳои муосири ҳисобгирӣ, мутобиқсозии онҳо ба стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар бар мегирад. Бо истифода аз барномаҳои компютерии муҳосибӣ, хоҷагиҳо метавонанд амалиётҳои молиявии худро саривақт сабт намуда, хатогиҳоро коҳиш диҳанд ва маълумоти дақиқ ба даст оранд. Инчунин, баланд бардоштани сатҳи тахассусии муҳосибон ва роҳбарони хоҷагиҳо нақши муҳим дорад. Ҳисоботи молиявии босифат барои таҳлили фаъолияти иқтисодӣ, муайян намудани самаранокии истифодаи захираҳо ва банақшагирии рушди минбаъда аҳамияти калон дорад. Он ба хоҷагиҳо имконият медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии маблағгузориро ҷалб намоянд, бо ташкилотҳои молиявӣ ва сармоягузорон ҳамкории судманд барқарор кунанд ва мавқеи худро дар бозор мустаҳкам намоянд.

Ҳамин тариқ, рушди хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ яке аз омилҳои калидии рушди устувори бахши аграрӣ ба ҳисоб меравад. Таваҷҷуҳи бештар ба ин масъала метавонад ба беҳтар гардидани идоракунӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо ва дар ниҳоят, баланд шудани сатҳи некӯаҳволии мардум мусоидат намояд.

Тавре дар қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ» оварда шудааст, оид ба омӯзиши масоили рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ иқтисодчиёни хориҷию ватанӣ корҳои илмии зиёде ба сомон расонидаанд.

Муҳаққиқони рус, ки ҷанбаҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд, С.Е. Акопян, Р.А. Алборов, Н.В. Бакулина, Н.Н. Балашова, П.С. Безруких, М.Ф. Бичков, О.Э. Валтер, Ф.И. Васкин, Р.Р. Исламиев, М.И. Исмаилов, Э.А. Калачева, В.В. Киселов, Н.А. Климтсов, С.М. Консевский, Э.Г. Кузнетсова, П.А. Кусенко, Ф.Н. Майрч, В.П. Петров, М.З. Пизенголтс, О.П. Харитонова, А.В. Чаянов, Ф.К. Шакиров, Д.А. Шестов мебошанд. Таҳқиқи масъалаҳои ташкилу пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявии соҳаи кишоварзӣ, алалхусус хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар корҳои илмии иқтисодчиёни ватанӣ: З.Р. Шарифов, Қ.Х. Хушвахтзода, Н.М. Собирзода, А.Н. Абдулмуминзода, А.Х. Файзуллоев, Д.Т. Расулов, Д.Ҷ. Ҳукматов, Н.Ҷ. Ҳасанова, Д.Ҷ. Икромова ҷой доранд.

Навгонии таҳқиқот ва бандҳои он ба пуррагӣ нуқтаи назар, ҳисобҳои муаллифӣ ва пешниҳоду хулосаҳои илмӣ, инчунин, тавсияҳои амалиро ҷиҳати такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро дар бар мегиранд.

Муаллифи диссертатсия оид ба моҳияти амалкарди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тазаккур намуда, пешниҳод мекунад, ки барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса ба дигар истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ, бахусус хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, боғдории инфиродӣ, ки ҳадафи асосиашон қонеъ гардонидани талаботи аъзоёни оила бо маҳсулоти муайян мебошад, аҳаммияти нисбатан калони иқтисодӣ доранд.

Дар матни боби дуюми диссертатсия оид ба методологияи баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ишора шудааст. Муаллиф дар ин радиф зикр мекунад, ки муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методии он унсурҳои методологияи хадамоти ҳисобдории субъектҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд.

Хулосаю пешниҳод ва тавсияҳо, ки таркибдиҳандагони бандҳои навгонии таҳқиқот мебошанд, дар автореферати диссертатсия зиёд ба чашм мерасанд. Аммо дар баробари онҳо, автореферат аз баъзе норасоиҳо дар канор нест, аз ҷумла:

1.Муаллифи диссертатсия алоқамандии СБҲМ ва меъёрҳои миллии баҳисогирии муҳосибиро аз мавқеи такмили баҳисобгирии

муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар сатҳи зарурӣ нишон надодааст.

2.Барои таъмини эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот хуб мебуд, агар, муҳаққиқ амсилаҳои таҳияшударо то андозае фаҳмо ва равшантар шарҳ медод.

Камбудиҳои қайдгардида моҳияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро халалдор намесозанд, чунки онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба инобат гирифтанашон дар корҳои илмии оянда аз манфиат холӣ нест.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои илмии муҳиму асоснокро дар бар мегирад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мебошад.

Муқарриз
мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ
ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав, нии., дотсент Зувайдуллозода Г.Х.

Имзои Зувайдуллозода Г.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Нажмиддинов М.М.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
☏: (+992-3222)24520, 2022253, E-mail:Ktsu78@ mail.ru